Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзӯи “Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи** ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар** 12 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш** аз ҳама дар он аст, ки масъалаи гуноҳ чӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ ва чӣ дар амалия ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо яке аз масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Маҳаки асосии ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ гуноҳ мебошад. Аз ин рӯ, масъалаҳои гуноҳ дар қонунгузории маданӣ ва татбиқи қонунгузорӣ яке аз масъалаҳои баҳсталаб ба ҳисоб меравад. Бинобар ин асосҳо таҳияи назариявии масъалаҳо оид ба ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ дар умум ва алалхусус ҷавобгарии шартномавӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи мадании муосир мебошад. Ҳалли бомуваффақияти ин проблема бештар ба ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқҳои иштирокчиёни муомилоти

молумулкӣ мусоидат мекунад, ки унвончӯ дар дисстертатсия ба ин масъалаҳо аҳаммияти аввалиндарача дода, барои ҳалли самараноки он як зумра таклифу пешниҳодҳо манзур намудааст.

Таҳқиқоти Додозода А.М. дар ин самт дар ниҳояти кор ба фароҳам овардани шароити зарурӣ барои иҷрои талаботи муқаррароти конститутсионӣ дар бораи аз ҷониби давлат ҳифз кардани ҳуқуқ ва аз ҷониби суд таъмин кардани онҳо мусоидат мекунад. Унвонҷӯ қайд намудааст, ки дар қонунгузории маданӣ чунин мафҳум ба амсоли ҷавобгарӣ муқаррар карда шудааст, ки аз фаҳмиши ҳуқуқвайронкунӣ дарки ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ низ вобаста мебошад. Ҳамзамон иброз намудаст, ки агар ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқи хусусӣ бошад ва ҳуқуқи хусусӣ ба ҳифзи манфиатҳои хусусӣ нигаронида шудааст, пас зери мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ танҳо вайронкунии ҳуқуқи мадании субъективии иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва зери мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ танҳо ҷавобгарӣ барои вайрон кардани муносибатҳои субъективии маданӣ эътироф карда мешаванд.

Аз нигоҳи муаллиф муҳимтарин барои ба амал баровардани ҳуқуқҳои субъективии иштирокчиёни муомилоти маданӣ ё тарафҳои шартнома ба тариқи дахлдор иҷро кардани уҳдадориҳо аз ҷониби контрагент мебошад. Тарафҳо ҳангоми бастани шартнома мақсади ба даст овардани ҷуброни пулӣ ё дигар ҷубронро пеш намегиранд, балки барои ба даст овардани иҷрои воқеӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Аз ин рӯ, ба андешаи муаллиф мақсади асосии танзими қонунгузории муносибатҳои ҷамъиятӣ ин имконияти самаранокии ҳадди ақали ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Муносибатҳои шартномавии субъектҳои ҳуқуқи маданӣ бо иҷрои воқеии уҳдадориҳое асос меёбанд, ки ба шиддатнокии муомилоти иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Меъёри ҳуқуқии вайроншуда дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ ҳеҷ гуна тағйир наёфта, оқибатҳои воқеии он бошад маҳз ба муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд.

Дар ҳақиқатан ин хулосабарориҳои унвонҷӯ қобили қабул буда, ҳамагуна вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ ба амал баровардани вазифаҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданиро ба миён меоварад, аз ҷумла ба чунин намудҳои гуногуни он, ба монанди муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ дар шароити муомилоти озоди тиҷоратӣ ба ташкили низоми муайяни ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Барои татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ фаҳмиши возеҳу равшани шартҳои фарорасии он зарур аст. Бе аниқ кардани ин масъала татбиқи дурусти чораҳои ҷавобгарӣ имконноп́азир мегардад, ки дар натиҷа дар бораи ноил гардидан ба мақсадҳои он сухан рондан мумкин нест. Яке аз шартҳои муҳимтарини ҷавобгарии шартномавӣ ин гуноҳи вайронкунандаи укҳдадории шартнома мебошад. Падидаи

гунаҳкорӣ дар илми маданӣ дер боз маълум аст. Аммо то имрӯз проблемаҳои асосии гунаҳкорӣ дар ҳуқуқи маданӣ умуман ва аз ҷумла дар ҳуқуқи шартномавӣ на танҳо ҳаллу фасли худро наёфтаанд, балки хеле тезутунд ҳам шудаанд.

Гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ хусусияти хос дорад. Мавҷудияти зарар на дар ҳама ҳуқуқвайронкуниҳо ҷой дорад. Ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ бошад дар аксари мавридҳо мақсади ҷазо додани ҳуқуқвайронкунандаро таъқиб намекунад.

Байни таълимоти асосӣ дар бораи гуноҳ, ки аз нуқтаи назари «психологизм» фаҳмида мешавад ва доктринаи гуноҳи «объективистӣ», ки торафт авҷ гирифта истодааст, мухолифат ба амал омад. Ҳамин тариқ, дар илми ҳуқуқи маданӣ метавон дуализмро дар ақидаҳо оид ба гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ бояд қайд намуд. Норавшанӣ дар фаҳмиши назариявии гуноҳ дар вайрон кардани шартномаҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ҳатман душвориҳоро ба миён меорад. Ҳол он ки муносибатҳои шартномавӣ дар муомилоти маданӣ ҷои асосиро ишғол мекунанд.

Аз ин рӯ, аз ҳаллу фасли масъалаҳои назариявии гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ҳаллу фасли проблемаҳои амалии татбиқи ҳуқуқ бевосита вобаста аст.

Ҳамин тариқ, метавон дар бораи мавҷуд будани заминаи меъёрии вуҷудияти институти мустақили ҳуқуқи маданӣ, ки бо муносибатҳои иқтисодӣ зич алоқаманд аст, хулоса баровард. Ҷавобгарӣ дар уҳдадориҳои шартномавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ҷои асосиро ишғол мекунад. Ҳамин тавр, ҳаллу фасли проблемаҳои амалии татбиқи ҳуқуқ бевосита аз ҳалли масъалаҳои назариявии гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ вобаста аст.

Дар баробари ин олимон кӯшиш мекунанд, ки моҳияти иҷтимоии ҷавобгариро дар уҳдадориҳои шартномавӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо муайян ва асоснок карда шаванд, аммо ин талошҳо то имрӯз натиҷа надодаанд. Дар рисолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ба падидаҳои ҷавобгарӣ дар уҳдадориҳои шартномавӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ ва асосноккунии он шарҳу эзоҳ дода шавад. Асосноккуние, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ барои муайян кардани моҳияти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарӣ тибқи шартҳои созишномаи байни тарафҳо пешбинӣ шудааст, саҳми муаллифро дар ташаккули тасаввуроти нав дар бораи ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҳуқуқи маданӣ муайян мекунад.

Дар рисолаи диссертатсионӣ масъалае, ки суд чӣ гуна андозаи оқибатҳои номутаносибии ҳуқуқвайронкуниро аз нуқтаи назари иқтисодӣ бо назардошти ҳолатҳое, ки бевосита бо оқибатҳои вайрон

кардани уҳдадориҳо алоқаманд нестанд, ошкор намуда, далелҳои онро арзёбӣ мекунад, возеҳу равшан оварда шудааст.

Бо ин асос дар назди назария ва амалия вазифаҳое ба миён гузошта шудаанд, ки ба зудтар бо дараҷаи баланди сифатнок ҳал намудани проблемаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ нигаронида шудаанд. Ҳамаи гуфтаҳои боло дар маҷмӯъ мубрам будан ва зарурияти таҳқиқоти мазкурро муайян месозанд.

Доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ниҳоят васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт назару андешаҳои худро иброз намудаанд. Аммо, бояд хотиррасон намуд, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии мо таҳкиқоти алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудааст.

Ҳадафҳои тадқиқоти мазкури диссертсионӣ омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳуқуқии проблемаҳои назариявӣ ва амалии гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ, таҳияи самтҳо ва усулҳои омӯзиши минбаъдаи онҳо, инчунин такмил додани дастгоҳи мафҳумӣ дар доираи проблемаи номбаршуда мебошад.

Ҳадафҳои дар боло зикршуда ба миён гузоштан ва ҳалли вазифаҳои зерини ба ҳам алоқамандро пешбинӣ намудаанд: таҳқиқи марҳилаҳои асосии таърихии инкишофи падидаи гуноҳ ва муайян намудани шартҳои мутақадими назариявии ташаккули доктринаҳои муосир дар бораи гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ; арзёбии равишҳои муосир дар фаҳмидани гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ва муайян кардани афзалият ва нуқсонҳои онҳо; пешниҳод намудани чораҳо оид ба такмил додани муносибат нисбат ба фаҳмиши гуноҳ дар вайрон кардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, инчунин асоснок намудани таклифу пешниҳодҳо оид ба такмили дастгоҳи мафҳумӣ (мафҳуми гуноҳи қарздор, гуноҳи кредитор (қарздиҳанда), гуноҳи шахси ҳуқуқӣ, сӯиқасд, беэҳтиётӣ, хунукназарии (бепарвоии) оддӣ ва дағалона, аз ҷумла маҳакҳои тафриқаи онҳо); ошкор намудани камбудиҳои қонунгузорӣ, ки масъалаи гунаҳгории вайронкунандаи ӯҳдадории шартномавиро танзим менамояд; таҳия ва пешниҳод кардани асосноккунии назариявӣ оид ба такмили минбаъдаи конунгузорие, ки масъалаи гунаҳгории вайронкунандаи ӯҳдадории шартномавиро танзим менамояд.

Ҳангоми навиштани рисола муаллиф аз усулҳои зерини илмӣ истифода кардааст: диалектикӣ, таҳлили системавӣ, муқоиса ва аналогияҳо, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ.

Дар асоси усули муқоисавии ҳуқуқӣ моҳияти гунаҳкорӣ дар меъёрҳои қонунҳои давлатҳои хориҷӣ ва қонунгузории мадании ватанӣ таҳқиқ карда шуда, дар натиҷа мавкеъ ва тафовутҳои якхела дар мафҳуми гунаҳкорӣ ошкор карда шуданд. Инчунин, ин усул ба муаллиф

имкон додааст, ки мафҳумҳои бартаридоштаи гуноҳро дар қонунгузории маданӣ ва ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил кунем.

Дар асоси усули таърихӣ-ҳуқуқӣ рисола оид ба омӯзиши генезиси гунаҳкорӣ дар марҳилаҳои гуногуни мавҷудияти он дар робита бо ҷузъи ҳуқуқии ин истилоҳ кор анҷом додааст. Чорчубаи таърихии таҳқиқ давраи мавчудияти ҳуқуқи Рими қадимро дар бар гирифта, то ҳолати имрӯзаи ҳуқуқи мадании ватаниро фаро мегирад.

Истифодаи усулҳои индуктивӣ ва дедуктивӣ дар раванди муайян кардани шаклҳои инкишоф ва хусусиятҳои гунаҳкорӣ, муайян кардани чунин шаклҳои гунаҳкорӣ, ба монанди иҷро накардани ӯҳдадорӣ ва иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ, дараҷаи гунаҳкорӣ ва ғайра. Усулҳои таҳлил ва синтез барои таҳлили ҷузъҳои мавзӯи таҳқиқот ва баъдтар синтез кардани онҳо дар раванди ташаккули категорияҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби муаллиф истифода шудаанд.

Навоварии илмии рисолаи мазкур дар он аст, ки ин таҳқиқот аввалин таҳқиқоти алоҳидаи ҳамаҷонибаи гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ буда, масъалаҳои гуногунро дар бар гирифтааст, аз ҷумла, дар асоси таҳлили меъёрҳои ёдгориҳои ҳуқуқи румӣ дар бораи номувофиқатии равишҳои мавҷуда оид ба мафҳуми гуноҳ дар ҳуқуқи хусусии румӣ хулоса бароварда шуда, мафҳуми нави умумии гуноҳ дар ҳуқуқи румӣ асоснок карда мешавад; асосҳои методологии таҳқиқи гуноҳ дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ пешниҳод карда шудааст; дар асоси муайянкунии моҳияти гуноҳ дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ ва бо назардошти дар қонун муқаррар кардани бегуноҳии шахс, тафсири мафҳумҳои гуноҳи қарздор, гуноҳи кредитор (қарздиҳанда), гуноҳи шахси ҳуқуқӣ, сӯиқасд, беэҳтиётӣ, маҳакҳои маҷмӯии тафриқаи онҳо); беэҳтиётии оддӣ ва дағалона асоснок пешниҳод карда мешавад; оид ба такмили қонунгузории мадание, ки масъалаҳои гуноҳи вайронкунандаи уҳдадории шартномавиро танзим менамояд, таклифҳо пешниҳод карда шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки як қатор мафҳумҳои назариявии дар рисола таҳияшуда, таснифоти пешниҳодгардида ва дигар муқаррароти назариявӣ метавонанд назарияи ҳуқуқи маданиро оид ба масъалаҳои гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ дар умум ва махсусан гуноҳ дар муносибатҳои шартномавӣ ба таври назаррас ғанӣ гардонанд. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳо дар ҷараёни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи маданӣ ба инобат гирифта, онҳоро дар таҳқиқи минбаъдаи муқаррароти назариявӣ оид ба моҳияти гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дар он тавсифи дақиқи мафҳумҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мухтассар ифода карда шуда, меъёрҳои мушаххаси ҷудо кардани шакл ва дараҷаҳои гуноҳи шартномавӣ пешниҳод шудааст. Ин ба мақомоти судӣ имкон медиҳад, ки амалияи татбиқи меъёрҳоро оид ба гуноҳи шартномавӣ якхела намояд. Илова бар ин, таклифҳои дар рисолаи диссертатсионӣ пешниҳодгардида метавонанд дар кори таълимию методӣ оид ба фанҳои дахлдор ва омода намудани воситаҳои таълимӣ – методӣ истифода шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни гуноҳ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти ҷавобгарии шартномавӣ ва гуноҳ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои пешрафт ва самараноки ҳифзи судӣ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ асос меёбанд.

Мавзу ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Рисола дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои шуъбаи номбурда муҳокима шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо дар шакли маърузаҳо пешниҳод шудаанд.

Дастовардҳои рисола метавонад дар ҷараёни таълими курси «ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи шартномавӣ»; таҳияи маводҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба мавзуи таҳқиқот; ҳангоми нашри маҷмӯаҳое, ки таҷрибаи судиро ҷамъбаст мекунанд, истифода шавад.

Диссертатсияи Додозода А.М. ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Додозода Абдуманон Махсуд ба талаботҳо оид ба таҳқиқотҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти

дарачаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

«10» сентябри 2024 с.

Суроғаи муқарриз:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: +992 (37) 221-03-28.
E-mail: www.ifppanrt.tj